**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шарифзода Раҳматулло Файзулло дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 30 саҳ.).**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар мадди аввал гузоштааст. Хусусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи вохуриву баромадҳо ва Паёмҳои солонааш барои баланд бардоштани дониши ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон, пайваста таъкид менамоянд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни илмҳои ҳуқуқшиносӣ, барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар, мусоидат менамояд.

Масъалае, ки Шарифзода Раҳматулло Файзулло ба ҳайси мавзуи диссертатсионӣ интихоб ва таҳқиқ намудааст, муҳим ва саривақтӣ дониста мешавад. Зеро он яке масъалаҳои мубрами замони муосир дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аниқтараш «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Мавриди зикр аст, ки дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ мавзуи мазкур ба ҳайси рисолаи илмӣ бо забони давлатӣ бори аввал таҳқиқ гардидааст. Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки таркиби ҷинояти дар хатар мононданро аз таркиби дигари ҷиноятҳои ба ин монанд ҷудо намояд.

Бояд гуфт, ки муаллиф ҳангоми таҳлили мавзуъ таҳқиқоти донишмандони дохиливу хориҷиро вобаста ба ҷинояти дар хатар монондан васеъ истифода намудааст. Диссертант аз усулҳои гуногуни илмӣ (таҳлил, таркиб, муқоиса ва ғ.) истифода бурда, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективию субъективӣ, таҳлили аломатҳои бандубастшаванда ва махсус бандубастшаванда, омӯзиши маълумоти омории маъмуриву ҷиноятӣ ва таҷрибаи судиро вобаста ба мавзуи таҳқиқот баррасӣ намудааст.

Аз таҳлили матни автореферат бармеояд, ки сохтори илмии диссертатсия ба таври мушаххас ва мантиқӣ тартиб дода шудааст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бо дарназардошти фарогирии масъала ва таҳқиқи мантиқӣ таҳия гашта, тамоми ҷанбаҳои мавзуъро дар бар мегиранд.

Муқаддимаи автореферат, мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робита, мақсад ва вазифаҳо, объект, марҳила, макон ва давраи таҳқиқоти илмӣ, навгонӣ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия ва дигар паҳлуҳои илмиеро, ки зикраш дар муқаддима ҳатмӣ мебошанд, фарогир аст.

Муаллифи диссертатсия тавассути мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар мононданро пешниҳод намудааст, ки аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, барои боз ҳам хуб нишон додани саҳми муаллиф дар ташаккули илми ҳуқуқи ҷиноятӣ навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, хеле хуб матраҳ гардидаанд.

Сохтори диссертатсия бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 174 саҳифаро дар бар мегирад.

Аз рӯйи муҳтавои асосии диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст, ки фарогири таҳлили паҳлуҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан мебошанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферати Шарифзода Раҳматулло Файзулло баъзе костагӣ дида мешавад. Махсусан, дар боби дуюми диссертатсия муаллиф дар зербоби алоҳида масъалаи тафриқагузории ҷинояти дар хатар мононданро бо дигар ҷиноятҳои ба он монанд баррасӣ накардааст. Мехостем, муалиф назари худро вобаста ба ин ҳолат асоснок намояд.

Ба сифати тавсия гуфтан мумкин аст, ки дар маводи эмпирикӣ гузаронидани пурсишҳо байни кормандони суд, прокуратура, тафтишот ё кормандони дастгоҳи оперативӣ барои боз ҳам асоснок намудани ақидаҳо истифода мешуд, сифати рисолаи диссертатсионӣ ва автореферат ро боз ҳам баландтар менамуд.

Новобаста аз эроди пешниҳодгардида ва тавсияе, ки зикр кардем, дар маҷмуъ муҳтавои автореферати диссертатсияи муҳаққиқро кам намегардонанд ва мазмуни илмии авторефератро тағйир намедиҳанд, зеро онҳо хусусияти ҷузъӣ доранд.

Дар маҷмуъ, аз мазмуни автореферати диссертатсия бар меояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Раҳматулло Файзулло кори илмии мустақилона буда, хулоса ва пешниҳодҳои он мантиқан дуруст ва илман асоснок гардида, баанҷомрасида мебошад.

Аз омӯзиши матни пурраи автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки он ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифзода Раҳматулло Файзулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Раиси суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Абдуллозода Ҷ.А.

**Имзои Абдуллозода Ҷ.А.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Шуъбаи умумии суди
ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон Ҳусейнзода У.

«11» 12 2023 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, Суди ноҳияи Ёвон, 735310, ноҳияи Ёвон, кӯчаи Меҳвар, 6; Тел.: (83141) 2-30-00; факс: (83141) 2-26-23; сомона: www.yovon.sud.tj; e-mail: info@yovon.sud.tj.